**ХУЛОСАИ**

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-047-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба таҳқиқоти диссертатсионии Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олии равияҳои гуманитарӣ (дар мисоли забони англисӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ).

Кори диссертатсионии Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар мактабҳои олии равияҳои гуманитарӣ (дар мисоли забони англисӣ)» ба пажӯҳиш ва баррасии масъалаи рафъи мушкилоти омӯзиши забони хориҷӣ дар асоси забони англисӣ дар равияҳои гуманитарии мактабҳои олӣ ба тариқи низомнок ва маҷмуӣ бахшида шудааст. Кори диссертатсионӣ таҳқиқотест, ки ин проблемаро нахустин маротиба фаро гирифтааст.

Мақсади таҳқиқот асоснок кардани моҳият, мазмун ва сохтори раванди мушаххаси педагогии рафъи душвориҳои таълим, таҳияи механизми ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ мебошад.

Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаҳои зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат мекунад: - *банди 1.* Таҳияи назарияи таълими фанҳои мушаххас аз ҷумла дар сатҳи байнитахассусӣ; фаъолияти навоварӣ ва таҷрибавии омӯзгорони забони хориҷӣ ҳамчун яке аз сарчашмаҳои рушди назария ва методикаи таълим аз рӯйи соҳаҳои дониш ва сатҳи таҳсилот; - *банди 2.* Таҳқиқи иқтидорҳои инкишофӣ ва тарбиявии фанни забони хориҷӣ дар равандҳои таҳсилотӣ; - *банди 3.* Таҳияи мундариҷаи консепсияҳои фанни ЗХ дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот; мундариҷа, усулҳо ва шаклҳои ташкили таълим дар шароити

шакливазкунӣ, иттилоотонӣ ва ҷаҳонишавии ҷараёнҳои ҷомеавӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ; - *банди 4.*

Натиҷаҳои тахқиқоти илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда дар монографияҳо ва мақолаҳои илмии «Рафъи мушкилоти таълимии забони англисӣ» (2019); «Усулҳои рафъи мушкилоти таълимии забони англисӣ” (2020); “Мушкилоти таълимии омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ” (2021); “Забони англисӣ ва рафъи мушкилоти таълими он” (2021); “Тадқиқи калимаҳои иқтибосшуда аз забони англисӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (дар мисоли вожаҳои соҳаи иқтисодӣ)” (2021); “Рафъи мушкилоти таълими забони хориҷӣ дар мактабҳои олӣ дар назария ва амалияи педагогӣ” (2022); “Мушкилоти омӯзиши забони англисӣ” (2022); “Моҳият, мазмуну муҳтаво ва сохтори рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар донишҷӯёни равияҳои гуманитарии мактабҳои олӣ” (2023); “Таҳқиқи рафъи мушкилоти таълими забони англисӣ дар донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ дар мактабҳои олӣ” (2023); “Peculiarities of E-Learning Materials Implementation in Education process” (2019); “Таҳлили таркиби лугавии шугунҳо дар забои тоҷикӣ” (2019); “Разработка лингвистических кейсов в аспекте языковой компетенции студентов” (2020); “Вожаҳои иқтибосшудаи соҳаи иқтисодӣ дар забонҳои тоҷикӣ, англисӣ ва рӯсӣ” (2021); “Асосҳои ташаккули ҳавасмандии донишҷӯён ба омӯзиши забони англисӣ” (2023); нашрнамудаи муаллиф инъикос ёфтаанд.

Дар диссертатсия мавзуе мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки таъсири мусбӣ ба рушди методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, махсусан, забони англисӣ расонида метавонад. Таҳқиқоти мазкур заминаи мусоидро барои роҳу усулҳои рафъи мушкилот зимни таълими англисӣ ва баъзе масъалаҳои дигар фароҳам оварда метавонад.

Зимни таҳқиқи мавзуи мазкур диссертант такя ба таълифоту таҳқиқоти бунёдии чунин олимону муҳаққиқони машҳури ватанию хориҷӣ намудааст: Ф.Шарифзода, М.Лутфуллоев, Х.Сайфуллоев, Ҷ.Шарифов, А.Мирализода М.Умарова М.Давлатов, А.Нуров, Ҷ.Алимӣ, О.А.Абдуллина, С.Н.Алиев,

С.Авғонов, Х.Б. Алимов, Т.Г.Браже, Т.В.Гусейнова, В.И. Загвязинский, В. Кан-калик, Ю.Н. Кулюткин, Н.В. Кузмин, В.М. Лизинский, Л.В. Маслов, Д.В. Новиков, А.П. Ситник, Т.В. Шадрин, В. Сластенин , О.Андриенко, И. Варламова, С.В. Гринко, В.Н.Котляр, И. Милославов, А.В. Мудрик, В.В. Синявский, Б. Тамарин ва дигарон.

Ҳангоми пешбурди таҳқиқот унвонҷӯ аз чунин **методҳо** истифода намудааст: методҳои назариявӣ (омӯзиш ва таҳлили муқоисавии натиҷаҳои рафъи душвориҳо дар омӯзиши забони англисӣ, омӯзиши ҳуҷҷатҳои гуногуни педагогӣ ва методӣ, арзёбии динамикаи ташаккули ҳавасмандӣ ва самаранокӣ дар омӯзиши забони англисӣ, умумӣ, таҷзия, тафсир ва ғайра), усулҳои эмпирикӣ (мушоҳида, пурсиш, саволномаҳо, гуфтугӯҳои инфиродӣ бо омӯзандагон ва омӯзгорон, муайян кардан ва ташаккул додани таҷрибаҳо, таҳлили ҳуҷҷатҳои таълимӣ ва ғайра).

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** чунинанд: 1.Бори нахуст дар илми педагогика ва таърихи маорифи Тоҷикистон хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилот дар омӯзиши забони англисӣ ҷиҳати ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ омӯхта шуд; 2.Мазмуни раванди бартараф кардани мушкилоти таълимӣ дар байни донишҷӯёни равияҳои гуманитарӣ ошкор карда шуданд; 3.Таснифоти мушаххаси душвориҳои омӯзиши мураккабии гуногун дар асоси заминаҳои илмӣ ошкор карда шуданд; 4.Қавоиди консептуалии равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ оиди ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён ҷиҳати рафъи мушкилот зимни омӯзиши забони англисӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ коркард карда шуданд; 5.Моҳият ва сохтори салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён ҷиҳати рафъи мушкилот зимни омӯзиши забони англисӣ дар муҳити бисёрзабонӣ муайян карда шуд, қисматҳои он (забонӣ, коммуникативӣ, мавзӯӣ, тамоюли шахсиятӣ, таълимӣ) ҷудо карда шуданд, иҷрои мундариҷавии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шуд; 6.Заминаҳои ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён ҷиҳати рафъи мушкилот зимни омӯзиши забони англисӣ дар шароитҳои бисёрзабонии донишгоҳҳои омӯзгорӣ муайян карда шуданд;

7.Модели ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён ҷиҳати рафъи мушкилот дар самаранокии технологияҳои педагогӣ зимни омӯзиши забони англисӣ коркард карда шуд; 8.Низоми санҷиши самаранокии равияи шахсиятӣ-фаъолмандӣ ва технологияҳои инноватсионии педагогӣ дар озмоиши таълимӣ пешниҳод карда шуд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки дар асосу заминаи равишҳои илмии олимону муҳаққиқон ва амалкунандагон, ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, муайян кардани моҳияти раванди мушаххаси педагогии бартараф кардани мушкилоти таълимӣ дар донишҷӯён, мазмун ва сохтори он, роҳҳо ва шароити педагогии самаранокии ин раванд ошкор карда мешаванд. Бо ёрии равишҳои илмӣ мушкилоти таълимӣ ҳамчун як падидаи маъмули педагогӣ муайян карда шуданд, аз ҷумла, маҷмӯи мушкилоти забони англисӣ, ки дар байни донишҷӯёни курсҳои якум ва дуюми таълими забони англисӣ дар равияҳои гуманитарӣ ба миён меоянд: фишори функсионалӣ, вайроншавии созгорию мутобиқшавӣ дар таълим ва, дар ниҳоят, коҳиши пешрафти донишҷӯён дар забони англисӣ.

Таснифи мушкилоти таълимӣ аз рӯйи асосҳои илмӣ оварда шудааст: омӯзиши забони англисӣ дар асоси сарфу наҳв ва луғати забони тоҷикӣ, мураккабии сарфу наҳви забони англисӣ ва миқдори зиёди иттилоот, мураккабии афзояндаи лугати гуманитарии забони англисӣ, набудани ангезаи таълимӣ барои омӯзиши забони англисӣ ва сабабҳои онҳо нишон дода шудааст. *Аҳамияти амалии таҳқиқот* дар таҳияи муқарраротӣ татбиқшудаи раванди мушаххаси педагогии рафъи мушкилоти таълимӣ: навсозии омодагии назариявӣ ва методии омӯзгорони забони англисӣ барои рафъи мушкилоти мушаххаси омӯзиш дар байни донишҷӯён, ташаккули ҳавасмандии донишҷӯён барои рафъи мушкилоти забони англисӣ мебошад. Татбиқи методологии технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ барои пешгирии душвориҳои мушаххас дар омӯзиши забони англисӣ аз ҷониби донишҷӯён, озмоиши ба барномаи лексикӣ нигаронидашуда барои рафъи мушкилоти

омӯзиш, аз ҷумла, панҷ марҳила, ки самаранокии онҳо аз рӯйи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои дар рисола таҳиягардида арзёбӣ шудааст.

Дар умум, маҷмуи мулоҳизаҳои зикршуда мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионии Орифов О.О. собит карда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур далолат мекунад, ки ба назария ва амалияи рафъи мушкилот зимни омӯзиши забони англисӣ бахшида шудааст.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рӯдакӣ иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи якҷояи кафедраи умумидонишгоҳии педагогика ва кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 11.10.2023, №3).

Дар хулосаи кафедра ва ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рӯдакӣ ба диссертатсия баҳои воқеъбинона, ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33 ва 35-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 тахти №267 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ва талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Орифов Орзу Обидхуҷаевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор дониста мешавад.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдик, шудааст, мутобиқ аст.

Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони

онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷахо ва муқаррароти нави илмӣ мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

Талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Орифов О.О. тавсия мекунад, ки:

1.Ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳо номи мавзӯи кори диссертатсионии мазкур чунин пайгирӣ карда шавад: “**Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ”;**

2.Диссертатсияи Орифов О.О. дар мавзуи **“Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ”** барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ ба роҳ монда шавад;

3. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионӣ”-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Кори диссертатсионии Орифов Орзу Обидхуҷаевич дар мавзуи **“Хусусиятҳои педагогии рафъи мушкилоти омӯзиши забони англисӣ дар ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯёни мактабҳои олӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқат мекунад ва ҷавобгӯи талаботҳои Муассисаи

давлатии “Комиссияи олии аттестатсионӣ”-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таълифоти илмии унвонҷӯ ба мавзуи пешбаришуда мувофиқат мекунад.

Комиссияи экспертӣ пешниҳод мекунад:

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Данғара

Муқарризони расмӣ:

1.Ҳоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти руси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

2.Шамсова Бибихосият Қудратовна, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон таъйин карда шаванд.

Барои нашри автореферат бо шумораи 100 адад иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷамшедов П. Ҷ.

**Аъзоҳои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Ашурова Д. А.
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Байдуллоев А. И.

*Имзоҳои Ҷамшедов П.Ҷ., Ашурова Д.А., ва Байдуллоев А.И.-ро тасдиқ мекунам*

**Сардори раёсати кардрҳо**
**ва корҳои махсуси**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Мустафозода А.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС